**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)**

Масъалаи ба танзим даровардани рушду нумӯи растаниҳо бо ёрии моддаҳои фаъоли биологӣ дар ин самт муҳим ва замонавӣ ба ҳисоб меравад. Тайи солҳои охир истифодаи васеи танзимкунандагони рушди растаниҳо ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокии технологияи парвариши ангур дар истеҳсолот дастовардҳои назарраси илмию истеҳсолӣ дорад.

Дастоварди муҳими илмӣ барои ба даст овардани ҳосили дилхоҳ ва босифат, ки дар раванди парвариши растаниҳо, бар иловаи роҳ ва усулҳои маъмулӣ нави илман асоснокшуда бисёр мубрам мебошад. Аз ин нуқтаи назар диссертатсияи Масаидов Ҷ.Ғ. ба мавзуи муҳими шароити имрӯза, яъне истифодаи танзимкунандагони сабзиш барои парвариши ангур бахшида шудааст. Мақсад ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузошта шуда моҳияти амалию назариявиро дар ҳалли масъалаи баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулот дар шароити истеҳсолӣ дорад.

Муаллиф бори нахуст дар шароити мавзеи Б.Ғафуров таъсири агротехникаи парвариш, шароити хоку иқлим ва танзимкунандагони сабзишро ба рушду нумӯ, маҳсулнокӣ ва аломатҳои муҳими растаниҳо ба таври муфассал таҳлили ҳамаҷониба намудааст. Нишон дода шудааст, ки таъсири танзимкунандагони сабзиш бисёр калон буда, вобаста ба мӯҳлат ва меъёр ин нишондодҳо тағйироти аниқ дида мешавад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур барои рушди соҳаи парвариши ангурпарварӣ дар заминҳои кушод, аз ҷумла шароити истеҳсолӣ моҳияти илмию амалӣ дошта, барои баландшавии ҳосилнокии навъҳои ангури бедона ба монанди кишмиши сиёҳ то 10,8% зиёд мусоидат намуда, ба ин васила бабаланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои оби дар шароити иқлими тағйирёбанда мусоидат мекунад.

Масаидов Ҷ.Ғ. нишон додааст, ки бартариҳои таҷҳизот ба дорупошаки таҷрибавӣ нисбат аз насоси дастии мавҷудбуда инҳоянд: маҳсулнокии хеле баланд дорад, ки дар муҳлати кӯтоҳи агротехникии 5 - 6 рӯз тамоми майдони аз 50 то 300 га-ро коркард менамояд, ки ин самаранокиро то 3-4 маротиба баланд мекунад. Хароҷоти маҳлули

обиро то 2,5-3,0 маротиба ва хароҷоти танзимкунандагони сабзишро то 30 % кам мекунад.

Бо дарназардошти муҳиммияти илмию истеҳсолӣ, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, натиҷаҳои гирифташуда, таҳлили оморӣ ва асоснок намудани онҳо дар асоси усулҳои тавсияшуда, мазмуну муҳтаво, сохтор ва хулосаю пешниҳодоти муҳими илмию амалӣ автореферати диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи агрwelpӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) мувофиқ аст ва муаллиф сазовори ҳамин дараҷаи илмӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.к., директори Стансияи таҷрибавии
хокшиносию мелиоративии Суғди
Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ
*Суроға:* 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Б.Ғафуров, маҳаллаи 120
*Тел.:* (+992) 927018890 О.Ҳ. Қаробоев

Имзои Қаробоев О.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳо дар СТХМС ИХ АИКТ М. Юлдошева

16.06.2025с.